**Тақриз**

**ба автореферати Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ. – Душанбе, 2025. – 26 с.**

Муайян сохтани вижагиҳои жанрии ҳар як навъи адабӣ ва барои онҳо пайдо намудани истилоҳи дақиқи илмӣ яке аз ҳадафҳои асосии муҳаққиқони соҳаи фолклор ва адабиёт ба шумор меравад. Ҳарчанд дар фолклоршиносӣ ва адабиётшиносии тоҷик дар ин самт корҳои зиёде анҷом дода шудаанд, вале ҳанӯз бисёр паҳлуҳои норавшан ва камомӯхтае вуҷуд доранд, ки таҳқиқ ва баррасии онҳо муҳим мебошад. Аз ин ҷиҳат, рисолаи унвонҷӯ «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» дар такмил ва тадқиқи ин масоили илми фолклоршиносӣ мубрам арзёбӣ мегардад.

Рисола, чи тавре ки аз мутолиаи фишурдаи он бармеояд, аз мукаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, феҳристи гӯяндаҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Муаллиф дар муқаддима доир ба мубрамии мавзуъ, дараҷаи омӯхташавии он, мақсад ва вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навовариҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаб, маълумоти дақиқ пешниҳод кардааст.

Боби аввали рисола «Ривоят ҳамчун жанри фолклорӣ ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ» унвон гирифта, аз се зербоб иборат аст. Дар ин ҷо диссертант барои пайдо намудани истилоҳи аниқи илмии ривоят, аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, банду баст ва бадеият муайян сохтани хусусиятҳои асосии жанри ривоят мулоҳизаронӣ намуда, муҳтавои

таҳқиқоти илмии муҳаққиқонро, ки ба ин мавзуъ заминаи илмӣ фароҳам овардаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Аз таҳлилҳои дақиқу хулосаҳои эътимодноки унвонҷӯ бармеояд, ки ӯ зимни омӯзишу баррасии боби мазкур ба муваффақияти баланди илмӣ ноил гаштааст.

Боби дуюми рисоала зери унвони «Баррасии ривоятҳои мардуми Бадахшон» аз чор зербоб фароҳам ёфтааст. Муҳаққиқ дар зербобҳои он пажуҳиши худро ба ҳалли муҳтавои асосии ривоятҳое, ки доир ба ашё ва ҳодисаҳои табиат гуфта шудаанд, равона месозад. Зикр кардан бамаврид аст, ки зербобҳои ин қисми кор аз ҷиҳати банду баст, мазмуну мундариҷа бо ҳамдигар алоқаи илмиву мантиқӣ дошта, дар умум онҳо ақоиди муаллифро ба таври возеҳ ифода кардаанд.

Боби сеюми диссертатсия «Инъикоси воқеаҳои таърихӣ дар ривоятҳои мардуми Бадахшон» ном дошта, аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал ин боб тадқиқот дар самти ошкор намудани хусусиятҳои таърихии ривоятҳо равона шуда, зербобҳои минбаъда ҳамчун давоми ин мавзуъ натоиҷи пажуҳишро ҳаллу фасл намудаанд.

Дар қисмати хулосаи рисола муаллиф ба таври мушаххас ва фишурда натиҷаи илмию амалии тадқиқотро дар 13 банд ҷамъбаст карда, дар 4 банд тавсияҳои муфид оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод шудааст.

Дар автореферати диссертатсия дар радифи комёбиҳо баъзе нуқсонҳо ба назар расиданд, ки ислоҳи онҳо имконпазир буда, боиси баланд шудани фасоҳати таҳқиқ хоҳад шуд. Аз ҷумла:

1. Дар автореферат норасоиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар расиданд (саҳ. 1, 14, 18, 19, 23).

2. Дар қисмати муқаддимавии автореферат андешаҳои унвонҷӯ дар қисми асосии таҳқиқ такрор ёфтааст.

Бояд ёдовар шуд, ки эроду дархостҳои зикргардида ислоҳпазир буда, арзиши илмии диссертатсияро кам намекунанд.

Фишурдаи диссертатсия ва мақолаҳои илмии нашрнамудаи муаллиф Шакармамадов О. Н. муҳтавои диссертатсияи муҳаққиқро комилан инъикос намудаанд. Маводди илман таҳқиқгардидаи рисола ба меъёрҳои таълифи кори илмӣ ҷавоб дода метавонад.

Аз ин лиҳоз, автореферати диссертатсияи Шакармамадов Ориф Нисормамадович дар мавзуи «Вижагиҳои жанрии ривоят ва тафовути он аз жанрҳои дигари насри шифоҳӣ (дар асоси маводи ривоятҳои мардуми Бадахшон)» пурра анҷомёфта буда, он ба талаботи «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ сазовор мебошад.

Тақриздиҳанда: н.и.ф. Сарахонзода Муҳаммадрасул Сарахон

Нишонӣ: ДМТ. ш.Душанбе, Х. Рӯдакӣ, 17. muhammad1967@mail.ru
Тел.: 992976196767

Имзои ________________________ ро тасдиқ мекунад:
Сардори раёсати кадрҳо

«14» марти соли 2025